# 08 00 00 ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ
# 08 00 00 ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ
# 08 00 00 ECONOMICAL SCIENCES

## 08 00 01 ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ТЕОРИЯ
## 08 00 01 ECONOMIC THEORY

*УДК 330*
*ББК 65 - 551*

### *ҲОЛАТИ МУОСИРИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ МУАССИСАҲОИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

***Бобомуродов Парвиз Уктамович**, н.и.и., сармуаллими кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон; **Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович**, ассистенти кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Тоҷикистон, Душанбе)*

### *СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ ВЫСШИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН*

***Бобомуродов Парвиз Уктамович**, канд. экон. наук, ст. преподаватель каф. информационных систем и технологий в экономике Таджикского государственного финансово-экономического университета; **Исвалиев Бахтиёр Джурахонович**, ассистент каф. информационных систем и технологий в экономике Таджикского государственного финансово-экономического университета (Таджикистан, Душанбе)*

### *CURRENT STATE OF INNOVATIVE DEVELOPMENT OF HIGHER EDUCATIONAL INSTITUTIONS OF TAJIKISTAN REPUBLIC*

***Bobomurodov Parviz Uktamovich**, candidate of economical sciences, senior lecturer of the department of informational systems and technologies in economy under the Tajik State Financial-Economic University; **Isvaliev Bakhtiyor Dzhurakhonovich**, assistant of the department of informational systems and technologies in economy under the Tajik State Financial-Economic University (Tajikistan, Dushanbe) **E-MAIL:** shokirovravshan@mail.ru*

***Калидвожаҳо:** инноватсия, фаъолияти инноватсионӣ, инфрасохтори инноватсионӣ, илм, таҳқиқот, давлат, муассиса, иқтисодиёт, таълим*

*Дар асоси таҳлили фаъолияти муассисаҳои олии таълимии хориҷӣ ва ватанӣ самтҳои асосии рушди инноватсионии муассисаҳои олии таълимӣ муайян ва пешниҳод карда шудааст. Инчунин масъалаҳои равандҳои инноватсионӣ, фаъолияти инноватсионӣ, инфрасохтори инноватсионӣ ва ташкили фазои инноватсионӣ дар муассисаҳои олии касбӣ барои мусоидат ба рушди иҷтимоӣ-иқтисод ва расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Ҷанбаҳои гуногуни инноватсия дар асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ вобаста ба шароити муассисаҳои олии касбӣ мавриди таҳлил*

*қарор гирифта,, алоқамандии дониш-инноватсия-рушди иқтисодӣ асоснок карда шудааст.*

***Ключевые слова:*** *инновации, инновационная деятельность, инновационная инфраструктура, наука, исследования, государство, институт, экономика, образование*

*На основе анализа деятельности зарубежных и отечественных вузов выделены и представлены основные направления инновационного развития вузов. Также рассматриваются процессы инноваций, инновационной деятельности, инновационной инфраструктуры и создание инновационного климата в высшем образовании для содействия социально-экономическому развитию и достижению стратегических целей страны. В результате исследования различных аспектов инноваций в вузах, изложенных в работах зарубежных и отечественных ученых, обосновывается взаимосвязь цепочки: знания-инновации-экономический рост.*

***Key-words:*** *innovations, innovational activity, innovational infrastructure, science, researches, state, institute, economics, education*

*Proceeding from the analysis of the activities of foreign and domestic universities, the main directions of innovative development of the formers are highlighted and presented. The study also examines the processes of innovation, innovative activity, innovational infrastructure and the creation of an innovative climate in higher education for promoting socio-economic development and achievement of the country's strategic goals. The authors, examining various aspects of innovations in higher schools expounded in the works of foreign and domestic scientists, substantiate the interconnection of the chain: knowledge-innovation-economic growth.*

Дар кишварҳои пешрафта ва як қатор кишварҳои рӯ ба тараққӣ самти инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ манбаи рушди иқтисодӣ, ҷузъи асосии сарвати миллӣ ба ҳисоб меравад. Омӯзиши мушкилоти рушди инноватсионии муассисаҳои олӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муҳим аст, зеро таҳқиқ нашудани ин масъала татбиқи стратегияи ташаккули низоми миллии инноватсионии аз ҷониби ҳукумат муайяншударо душвор мегардонад ва ба рушди низоми таҳсилоти олии рақобатпазир дар иқтисоди бозорӣ монеъ мешавад.

Дар шароити кунунӣ рақобатпазирии муассисаҳои олии касбӣ ва сифати хизматрасонии таълимии пешниҳоднамудаи онҳо тавассути иқтидори кадрии низоми маорифи мамлакат муайян карда мешавад. Иқтидори кадрӣ қобилияти муассисаҳои таълимӣ, донишгоҳҳо ва институтҳоро, ки ба ҳалли масъалаҳои ташаккули инноватсионии таълим дар асоси ахлоқи ҳамида, қобилияти ақлонӣ, салоҳият, маҳорат, фаъолияти касбӣ ва сифати иҷрои корҳо равона шудааст, тавсиф менамояд.

Дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми муассисаҳои олии касбӣ дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омада истодааст, ки ташаккули пойгоҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ташкили Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қабули имтиҳони дохилшавии довталабон ба муассисаҳои олии касбӣ, татбиқи технологияҳои нави иттилоотии таълимӣ, коркард ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ дар низоми муассисаҳои олӣ ва ғайра аз он ҷумлаанд.

Коркард ва татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои инноватсионии муассисаҳои олии ҷумҳурӣ аз охирҳои соли 2000-ум оғоз ёфт, аммо ба рушди инноватсионӣ дар муассисаҳои олӣ қабули як қатор барномаҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз қабили «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015 (2006)»,

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи паркҳои технологӣ (2010)», Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 (2011)», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ (2012)», ва «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 (2012)» ва ғайра вусъат бахшид.

Гузариши иқтисодиёти давлати мо ба роҳи нави инноватсионии рушд яке аз омилҳои муҳимми рушди босуботи иқтисодӣ ва рушди иқтидори инсонӣ, ки дар навбати худ тайёр намудани мутахассисони баландихтисосро дар соҳаҳои илм ва технологияҳои нав талаб менамояд, ба ҳисоб меравад. Мутахассисоне, ки имрӯз дар муассисаҳои олии касбӣ тайёр карда мешаванд, бояд маҳорати фаъолгардонии идеяҳои инноватсионӣ ва татбиқи амалии онҳоро дар бозори дохилӣ ва берунии мамлакат доро бошанд. Аз ин хотир, дар ҷадвали 1 динамикаи нишондиҳандаҳои асосии муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар солҳои 2013-2019 дида мебароем.

***Ҷадвали 1.*** *- Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2019*

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | | | **2019/2013 бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2013-2014** | **2014-2015** | **20115-2016** | **2016-2017** | **2017-2018** | **2018-2019** | **2019-2020** | |
| **Шумораи муассисаҳо, дона** | 34 | 38 | 38 | 39 | 39 | 39 | 40 | 117,6 |
| **Шумораи донишҷӯён, нафар** | 159415 | 165304 | 176461 | 186914 | 195657 | 209800 | 229600 | 144,0 |
| **Шумораи омӯзгорон, нафар** | 9636 | 9167 | 9952 | 10010 | 10321 | 10581 | 11681 | 121,2 |

***Сарчашма:*** *Аз тарафи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои омории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯи маълумотҳои оморӣ. - Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. - С.92;*

Вазъи иқтидори илмӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муассисаҳои олии таълимӣ, институтҳои тадқиқотӣ ва дигар муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ муайян карда мешавад. Дар давраи таҳлил аз соли 2013 то соли 2019 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сатҳи афзоиши шумораи муассисаҳои олии касбӣ аз 34 то 40 адад, ё 17,6%-ро ташкил дод, ки он ба ташаккул ва рушди зернизомҳои инноватсионӣ на танҳо дар ҷумҳурӣ, балки дар минтақаҳои он таъсири мусбат мерасонад. Афзоиши шумораи муассисаҳои олии касбӣ ба афзоиши шумораи донишҷӯён оварда расонид. Шумораи донишҷӯён дар соли таҳсили 2019-2020 нисбат ба соли таҳсили 2013-2014 70185 нафар, ё 44% зиёд гардидааст. Ҳамчунин дар давраи мавриди назар, шумораи омӯзгорон низ 21,2% зиёд гардидааст, ки ин тамоюл аз зиёд гардидани ҷойҳои корӣ ва паст гардидани сатҳи бекорӣ дар мамлакат шаҳодат медиҳад. Омӯзгорони муассисаҳои олии касбӣ дар баробари тайёр намудани мутахассисон, инчунин ба корҳои илмию тадқиқотӣ машғуланд ва ба ширкатҳои соҳавӣ ва бахшҳои иқтисодиёти миллӣ хизматрасониҳои илмиро пешниҳод менамоянд.

Ба ақидаи коршиносон, дар шароити муосири иқтисодӣ зарурати ҷорӣ намудани раванди инноватсиониро дар низоми муассисаҳои олии таълимӣ омилҳо зерин тақозо мекунанд [5, с.28-29]:

- зуд куҳна шудани дониш;
- иттилоотонии босуръати ҷомеа;
- навсозии мунтазами мундариҷаи фанҳои таълимӣ;
- татбиқи самараноки натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар раванди таълим;
- кам кардани маблағгузориҳои давлатӣ;

Муҳақиқ А.И. Владимиров қайд менамояд, ки «инноватсияро метавон ҳамчун воридсозии навгонӣ ба мундариҷаи таълим (усулҳо, методика, технология, шаклҳо) фаҳмид. Ин навгонӣ имконият медиҳад, ки фаъолияти маърифатӣ ва услуби тафаккури донишҷӯён ба таври назаррас тағйир ёбад ва ба ташаккули салоҳиятнокии инноватсионии онҳо мусоидат намояд. Ба андешаи муаллиф фаъолияти инноватсионӣ дар донишгоҳҳо ба беҳтар шудани сифати таълим ва сифати шахсият мусоидат мекунад» [2, с.24].

Ба назари мо, дар натиҷаи ин фаъолият технологияҳои нави зеҳнӣ ё илмталаби таълимӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ ба вуҷуд меоянд. Сарчашмаҳои нави маблағгузории муассисаҳои олии таълимӣ пайдо мешаванд, ҳавасмандии меҳнат беҳтар мегардад, дараҷаи касбии кадрҳои илмӣ-педагогӣ баланд мешавад, инфрасохтори инноватсионӣ ташкил мегардад.

Мафҳуми инноватсия давраи тӯлонии рушдро аз сар гузаронидааст ва ҳанӯз дар адабиёти илмӣ дар бораи он ақидаи ягона мавҷуд намебошад. Инноватсияҳоро дар фаъолияти муассисаҳои олӣ ҳамчун самти тиҷоратикунонии онҳо, инчунин натиҷаҳои тадқиқоти илмии онҳо фаҳмидан мумкин аст. Аммо низомҳои имрӯзаи идоракунии инноватсионӣ дар муассисаҳои олии касбӣ самарабахшии фаъолияти инноватсиониро қонеъ гардонида наметавонад. Аз ин хотир, бояд низоми идоракунии инноватсионӣ дар муассисаҳои олии касбӣ такмил дода шавад.

Дар асоси таҳлили фаъолияти муассисаҳои олии таълимии хориҷӣ ва ватанӣ ду самти асосии рушди инноватсионии муассисаҳои олии таълимиро метавон ҷудо намуд: ҳамчун иштирокдори асосии модели «занҷири сегона (**таълим/илм + тиҷорат + давлат**)» ва ҳамчун маркази омодасозии кадрҳои нававар. Аз ин рӯ, дар таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ оид ба идоракунии фаъолияти инноватсионии муассисаҳои олии касбӣ равише бартарӣ дорад, ки дар он объекти идоракунӣ фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ва таълимӣ-инноватсионӣ ба ҳисоб меравад.

***Ҷадвали 2.*** *- Шумораи муассисаҳои илмӣ, ки ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ машғуланд (дар солҳои 2013-2019)*

| **Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **Солҳо** | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 60 | 63 | 66 | 74 | 80 | 82 | 82 |
| Вилояти Суғд | 5 | 4 | 6 | 6 | 7 | 7 | 7 |
| Вилояти Хатлон | 5 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 |
| ш. Душанбе | 45 | 50 | 51 | 59 | 64 | 66 | 66 |
| ВМКБ | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 |
| НТМ | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |

***Сарчашма***: *Аз тарафи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои омории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯи маълумотҳои оморӣ. - Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. - С.68*

Чунонки маълумотҳои омории ҷадвали 2 шаҳодат медиҳад, шумораи муассисаҳои илмӣ

дар ҷумҳурӣ дар соли 2019 нисбат ба соли 2013 22 адад зиёд шудааст. Дар минтақаҳои мамлакат бошад тамоюлҳои гуногун ба назар мерсанд. Дар вилояти Хатлон агар дар соли 2013 шумораи муассисаҳои илмӣ 5 адад бошад, соли 2019 шумораи онҳо то ба 4 адад коҳиш ёфтааст. Тамоюли баръаксро метавон дар вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе мушоҳида намуд, ки муассисаҳои илмии онҳо ба 2 ва 21 адад афзоиш ёфтааст. Дар ВМКБ ва НТМ бошад, шумораи муассисаҳои илмӣ бетағйир боқӣ мондааст. Ҳамин тариқ, вазъи имрӯзаи муассисаҳои илмӣ, махсусан, дар минтақаҳои мамлакат тадқиқоти ҷиддиро талаб мекунад. Ба назари мо, шумораи муассисаҳои илмӣ-тадқиқотиро дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Хатлон, вилояти Суғд ва НТҶ бо назардошти иқтидори илмӣ-таҳқиқотӣ ва вазъи демографии минтақа зиёд намудан мумкин аст.

Аслан, ҳалли воқеии мушкилоти мавҷуда дар соҳаҳои илм ва инноватсия аз дастгирии давлатӣ вобаста аст. Маблағгузории илм аз буҷети давлатӣ яке аз сарчашмаҳои такондиҳандаи рушди соҳа ба ҳисоб рафта, амалигардонии таҳқиқоти илмӣ ва инноватсиониро дар муҳлати муайянгардида танзим менамояд. Инчунин, сол ба сол зиёд гардидани ҳаҷми маблағгузорӣ дар соҳаи илмӣ метавонад ҳавасмандии муҳаққиқон ва пажӯҳишгаронро баланд бардорад. Аз ин ҷост, ки сиёсати давлатии мамлакат барои таҳким бахшидани соҳаи маориф, илм ва инноватсия равона гардида, афзоиши маблағгузорӣ аз буҷаи давлатӣ дар соли 2019 нисбат ба соли 2013 169,6%-ро ташкил додааст.

***Ҷадвали 3.*** *- Хароҷот барои илм аз буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2019*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | 2019 /2013 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | |
| **ММД ҶТ (млн. сомонӣ)** | 40525,5 | 45606,6 | 50977,8 | 54790,3 | 64434,3 | 71059,2 | 77354,7 | 190,9 |
| **Хароҷот барои илм аз буҷети давлатии ҶТ (млн. сомонӣ)** | 45,03 | 50,93 | 52,89 | 55,5 | 60,63 | 66,91 | 76,4 | 169,6 |
| **Ҳиссаи хароҷот ба илм аз буҷети давлатӣ дар ММД (%)** | 0,111 | 0,111 | 0,103 | 0,101 | 0,094 | 0,094 | 0,098 | - |
| **Ҳиссаи хароҷот ба илм аз буҷети давлатӣ дар ММД (%) дар** | | | | | | | | |
| **ИМА** | 9,8 | 11,3 | 10,8 | 9,5 | 9,8 | 10,5 | 11,2 | 114,3 |
| **Чин** | 10,2 | 11,0 | 10,5 | 9,8 | 8,9 | 10,2 | 10,8 | 105,8 |
| **Ҷопон** | 7,8 | 7,3 | 8,2 | 8,7 | 9,0 | 9,3 | 8,9 | 114,1 |

***Сарчашма**: Аз тарафи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои омории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯи маълумотҳои оморӣ. - Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. - С.12,68,204;* https://ru.wikipedia.org/wiki *(санаи мурочиат 12.11.2021с.)*

Бояд қайд намуд, ки яке аз нишондиҳандаи муҳимме, ки фаъолнокии инноватсиониро дар иқтисодиёт нишон медиҳад, ҳиссаи маблағгузориҳо ба самти пешрафти илм баромад менамояд. Аз рӯи маълумотҳои ҷадвали 3 бар меояд, ки ин нишондиҳанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 0,098% баробар мебошад. Агар бо рақамҳо инъикос намоем, сухан дар бораи тақрибан 75 ҳазор доллари ИМА меравад, ки барои пешрафту илму техника хеле кам мебошад. Ин нишондиҳанда дар мамлакатҳои пешрафти ҷаҳон дар сатҳи хеле баланд қарор дорад. Мувофиқи маълумоти соли 2019 дар ИМА ҳисси маблағгузориҳо ба соҳаи илму техника 11,2% ММД, дар Чин 10,8% ва дар Ҷопон 8,9%-ро ташкил намудааст, ки ин ба як чанд трилион доллари ИМА баробар аст.

Танзими давлатӣ ва дастгирии фаъолияти инноватсионии муассисаҳои олии таълимӣ дар ҷумҳурӣ тавассути самтҳои муайян ва дар асоси истифодаи механизмҳо ва усулҳои муайяни амалисозӣ сурат мегирад. Бояд қайд кард, ки фаъолияти самараноки механизми бозории танзими давлатӣ ва дастгирии раванди инноватсионии муассисаҳои олии таълимӣ дар мамлакат боиси мавҷудияти фаъолияти пурраи соҳибкории инновасионӣ мегардад.

Ба назари мо, барои таъмини рушди инноватсионии муассисаҳои олии касбӣ дар ҷумҳурӣ фонди давлатии инноватсиониро дар шакле ташкил кардан зарур аст, ки ташкилотҳои соҳаи хизматрасонӣ ва бахши илмиро пайваст карда тавонад (расми 1).

***Расми 1.*** *- Сохтори фонди инноватсионӣ дар низоми иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон*




***Муаллиф таҳия кардааст.***

Аз таҷрибаи мамлакатҳои пешсаф бар меояд, ки истифодаи захираҳои махсус метавонанд сатҳи ҳамкории байни ҷамъиятҳои илмӣ ва соҳаҳои тиҷоратиро баланд бардоранд. Ин имконият медиҳад, ки аз як тараф шахсони бо кори илмӣ-тадқиқотӣ машғулбуда ҳавасманд карда шаванд, аз тарафи дигар сатҳи инноватсионии фаъолияти тиҷоратӣ баланд бардошта шавад.

Бо назардошти мушкилиҳои ҷойдошта, муассисаҳои олии таълимӣ ҳамчун объекти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, вазифаи низоми идоракунии фаъолияти инноватсиониро ба ӯҳда доранд ва

фароҳам овардани шароит барои рушди самараноки фаъолияти инноватсионӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи онҳо маҳсуб мегардад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки имрӯз дар назарияи иқтисодӣ зери мафҳуми низоми инноватсионӣ низомҳои муттаҳидшуда фаҳмида мешаванд, ки дар ҷомеа дар якҷоягӣ фаъолият мекунанд. Ҳамчунин низоми инноватсионӣ ба эҷод, нигоҳдорӣ ва паҳн намудани дониш мусоидат мекунад. Мувофиқи маълумоти дар боло зикргардида, метавон қайд намуд, ки фаъолияти инноватсионӣ қисми таркибии низоми инноватсионӣ ба шумор меравад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» қайд гардидааст, ки «фаъолияти инноватсионӣ – фаъолиятест, ки ба таҳия ва ҷорӣ намудани инноватсия (натиҷаи нав ё такмилдодашудаи таҳқиқоти илмӣ, корҳои таҷрибавию конструкторӣ ё дигар дастовардҳои илмию техникӣ) алоқаманд буда, барои расонидани он то бозор дар шакли маҳсулот, хизматрасонӣ, усули истеҳсолотии нав ё такмилдодашуда ё дигар натиҷаи самараноки ҷамъиятӣ равона карда шудааст» [4, с.3].

Дар шароити иқтисоди бозорӣ фаъолияти инноватсионӣ дорои самтҳои бисёрҷониба ва бисёрнақша буда, аз навовариҳои технологӣ, ташкилӣ ва ҷамъиятӣ дар раванди татбиқи он иборат мебошад. Ҳамчунин инноватсияҳо чун модели азнавсозӣ ва истифодаи самарабахши захираҳои табиӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ баромад менамоянд, ки ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар кишвар нигаронида шудаанд.

Аз ин хотир фаъолияти инноватсионӣ корҳои зеринро дар бар мегирад [1, с.107]:

- иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, таҷрибавӣ-конструкторӣ ва ё технологӣ оид ба истеҳсоли маҳсулоти нав ё мукаммалгардида, ки барои истифодаи амалӣ пешбинӣ шудааст;
- навсозии технологияҳо ва тайёркунии истеҳсолот барои истеҳсоли маҳсулоти нав, ҷорӣ намудани раванди нав ё мукаммали технологӣ;
- озмоиши маҳсулоти нав ва мукаммал, раванди нав ё мукаммали технологӣ;
- баровардани маҳсулоти нав ва ё мукаммал, истифодаи раванди нав ё мукаммали технологӣ то ба даст овардани ҷуброни хароҷот;
- корбарӣ вобаста ба пешбурди маҳсулотҳои нав дар бозори истеъмолӣ;
- ташкил ва рушди инфросохтори инноватсионӣ;
- тайёркунӣ ва бозомӯзии кадрҳо дар бозори фаъолияти инноватсионӣ.

Вобаста ба ин, бояд қайд намуд, ки ҳангоми ташкили низоми самараноки идоракунии фаъолияти инноватсионии муассисаҳои олии таълимӣ ташкили инфрасохтори инноватсионӣ марҳилаи муҳим ба ҳисоб меравад. Ташкили инфрасохтори инноватсионӣ, ки тамоми хусусиятҳои самтҳои асосии фаъолияти муассисаҳоро ба инобат мегирад, имкон медиҳад, ки дар ҳамкории онҳо барои баланд бардоштани самаранокии умумии фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳо мувозинат муқаррар карда шавад.

Таҷрибаи давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки дар шароити фазои рақобатпазирии бозори ҷаҳонӣ муассиса ва ё ташкилоте, ки дорои инфрасохтори мукаммали эҷод ва татбиқи инноватсия ва фаъолияти инноватсионӣ мебошад, ҳатман комёб мегардад. Ҳамин тариқ барои таъмини рушди босамари иқтисодиёти инноватсионии мамлакат инфрасохтори инноватсионӣ бояд бисёрфунксионалӣ ва дорои як қатор хосиятҳои ба ҳам монанд бошад, ки дар маҷмӯъ ба амалигардонии технологияҳои муҳандисии ташкил ва татбиқи инноватсияҳо дар мамлакат ва минтақаҳои он мусоидат кунад.

Инфрасохтори инноватсионӣ бояд сифатҳои зеринро дар бар гирад:

- ҷойгиронии марказҳои инноватсионӣ-технологӣ ё ширкатҳо дар минтақаҳои мамлакат,

ки метавонанд масъалаҳои функсионалии тамоми давраи инноватсиониро бо таҳвили объекти фаъолияти инноватсионӣ ҳал намоянд;

- бисёрфунксионалӣ, ки имкон медиҳад татбиқи лоиҳаи рақобатпазири инноватсионии «калидӣ» дар ҳар як соҳаи истеҳсолот ё бахши фаъоли иқтисодиёт таъмин карда шавад;
- касбият, ки ба хизматрасонии хушсифат ба муштариён ё истеъмолкунандагон асос ёфтааст;
- конструктивӣ, ки ба натиҷаи ниҳоӣ нигаронида мешавад.

Ҷанбаҳои гуногуни инноватсияро дар асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ вобаста ба шароити муассисаҳои олии касбӣ мавриди таҳлил қарор дода, модели «занҷири сеқабата»-и зеринро пешниҳод менамоем: **дониш-инноватсия-рушди иқтисодӣ**. Ин модел метавонад ба рушди илм ва инноватсия дар мамлакат оварда расонад, инчунин барои расидан ба ҳадафи чоруми стратегии мамлакат- «саноатикунонии босуръат» бо роҳи таҳким бахшидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва то ба татбиқи амалӣ дар бахшҳои гуногуни иҷтимоӣ-иқтисодӣ расонидани онҳо мусоидат намояд.

***Пайнавишт:***


1. *Бобомуродов П.У. Характерные особенности региональной инновационной подсистемы /П.У. Бобомуродов //Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – Душанбе, 2019. - №5. - С.106-112.*
2. *Владимиров А.И. Об инновационной деятельности вуза / А.И. Владимиров. – М.: ООО «Издательский дом Недра», 2012. – 72 с.*
3. *Ефремова П.В. Совершенствование системы управления инновационной деятельностью в вузе путем формирования инновационной инфраструктуры /П.В. Ефремова//Вопросы инновационной экономики. 2018. - Т. 8. № 2. - С. 311-326.*
4. *Закон Республики Таджикистан «Об инновационной деятельности» (Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 16.04.2012., №822).*
5. *Крутых А.В. Внедрение инноваций в систему высшего образования России /А.В. Крутых //. Международный научно-исследовательский журнал. 2017. - № 2-3 (56).- С. 28-30.*
6. *Курбонов А.К., Бобомуродов П.У. Региональные аспекты формирования инновационной подсистемы / А.К. Курбонов, П.У. Бобомуродов // Таджикистан и современный мир. – Душанбе, 2019.- №5(68). - С.79-88.*


***Reference Literature:***


1. *Bobomurodov P.U. Characteristic Features of the Regional Innovation Subsystem / P.U. Bobomurodov // Bulletin of the Tajik National University. Economic Sciences Series. - Dushanbe, 2019. No. 5. - pp. 106 - 112.*
2. *Vladimirov A.I. On the Innovative Activity of the University / A.I. Vladimirov. - M.: Nedra Publishing House LLC, 2012. - 72 pp.*
3. *Yefremova P.V. Improvement of the Innovation Management System at the University through a Formation of Innovational Infrastructure / P.V. Yefremova // Issues of Innovative Economics. 2018.Vol. 8. No. 2. - pp. 311 - 326.*
4. *The Law of the Republic of Tajikistan "On Innovative Activity" (Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan dated 04.16.2012., No. 822).*
5. *Krutykh A.V. Inclucation of Innovations into the System of Higher Education in Russia / A.V.Krutykh //. International Research Journal. 2017. No. 2-3 (56). - p. 28 - 30.*
6. *Kurbonov A.K., Bobomurodov P.U. Regional Aspects of the Formation of Innovative Subsystem / A.K. Kurbonov, P.U. Bobomurodov // Bulletin "Tajikistan and Modern World". - Dushanbe, 2019. No. 5 (68). - pp. 79 – 88.*